ВАРАҚАИ ИТТИЛООТИИ № 41

# КОТИБОТИ ШӮРОИ МАШВАРАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ

## МАВЗӮҲОИ АСОСӢ:

- **Омодагӣ ба ҷаласаи сездаҳуми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ**
- **Мониторинги иҷрои қарорҳои қабулнамудаи Шӯрои машваратӣ**
- **Фаъолияти гуруҳи корӣ оид ба рушди бозори такрории қоғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ**
- **Ислоҳот оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши суғурта**
- **Таҳлили масъалаҳои мубрами фазои сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ**
- **Таҳкими ҳамкориҳои самаранок бо шарикон**

## ОМОДАГӢ БА ҶАЛАСАИ СЕЗДАҲУМИ ШӮРОИ МАШВАРАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ

Ҷиҳати дар сатҳи баланд ташкил ва баргузор намудани ҷаласаи навбатии Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ тибқи Нақшаи чорабиниҳои таҳиянамудаи Котиботи Шӯрои машваратӣ корҳои омодагӣ идома доранд.

Аз ҷониби мутахассисони Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ маводҳои ҷаласаи навбатӣ дар сатҳи баланди таҳлилӣ омода шуда истодаанд ва рӯзҳои наздик ба Котиби масъули Шӯро, Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод хоҳанд шуд.

Ҳамзамон бо сабаби ба итмом расидани мӯҳлати ваколати аъзои амалкунандаи Шӯро аз ҳисоби бахши хусусии ватанӣ ҷараёни интихоби аъзои нави Шӯро оғоз гардида, маълумотномаи зарурӣ ба соҳибкорони ватанӣ ирсол гардид.

Инчунин дар доираи омодагӣ ба ҷаласаи оянда Шӯро ва баррасӣ намудани масъалаҳои лоиҳаи рӯзномаи ҷаласа, бо намояндагони бахши хусусӣ ва шарикони рушд ташкил ва баргузор намудани вохӯриҳо ба нақша гирифта шудааст.

Дар назар аст, ки ҷаласаи оянда Шӯро моҳи майи соли ҷорӣ гузаронида шавад.

## МОНИТОРИНГИ ИҶРОИ ҚАРОРҲОИ ҚАБУЛНАМУДАИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ

Дар доираи омодагӣ ба ҷаласаи навбатии Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ мониторинги иҷрои қарорҳои қабулнамудаи Шӯро дар вазорату идораҳо гузаронида шуд. Тибқи натиҷаҳои мониторинг қарорҳои қабулнамудаи Шӯрои машваратӣ дар маҷмӯъ аз ҷониби мақомоти марбутаи давлатӣ иҷро шуда истодаанд.

Аз ҷумла бо мақсади иҷрои қарорҳои протоколии ҷаласаи 12-уми Шӯро, Котиботи Шӯрои машваратӣ якҷо бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши туризм ва лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои ҷумҳурӣ дар Ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки Ҷаҳониро бо вазорату идораҳои дахлдор мувофиқа намуда, ба баррасии Ҳукумати мамлакат пешниҳод намудааст.

Ҷиҳати иҷрои қарори протоколии ҷаласаи 12-уми Шӯро ва бо мақсади рушди туризм дар ҷумҳурӣ, дар Раёсати консулии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон равзанаи алоҳида барои хизматрасонии ширкатҳои туристӣ ташкил карда шуд.

Аз ҷониби Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои супоришҳои протоколии ҷаласаи 12-уми Шӯрои машваратӣ аз 13 декабри соли 2013, Нақшаи чорабиниҳои алоҳида таҳия ва тасдиқ карда шудааст. Нақшаи чорабиниҳои мазкур як қатор тадбирҳо, аз ҷумла азнавтаҷҳизонидани минтақаҳои назорати гумрукии фурудгоҳҳои байналмилалӣ, баҳогузории сатҳи тахассуснокии кормандони фурудгоҳҳои байналмилалӣ ва тариқи озмун ба кор қабул намудани онҳо, баланд бардоштани савияи забондонии кормандони мақомоти гумрук, таҳия ва мавриди амал қарор додани санади дахлдор оид ба муносибати эҳтиромонаи кормандони мақомоти гумрук нисбат ба мусофирон ва иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, ташкили курсҳои махсуси такмили ихтисос ва дигар чорабиниҳоро дарбар мегирад.

Чунин Нақшаи чорабиниҳо аз ҷониби ҶСК “Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе” низ тасдиқ гардид, ки ба баланд бардоштани дараҷаи хизматрасонӣ ба мусофирон, ташкили курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва беҳтар намудани хизматрасонӣ ба мусофирон, таҳия ва қабули Одобномаи

кормандони фурудгоҳ, азнавсозӣ ва модернизатсияи техникаҳои хизматрасонии фурудгоҳ, ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ омода намудани иттилоот барои бақайдгирии мусофирон, бору бағоҷ, амният, ҳуқуқ ва стандартҳои фурудгоҳ, овехтани аломатҳои ишоравӣ равона карда шудааст. Инчунин барои ҷойгир намудани нуктаҳои иттилоотӣ оид ба маҳсулоти ширкатҳои туристӣ ва минтақаҳои туристии Тоҷикистон бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ шароит муҳайё карда шудааст.

Вобаста ба иҷрои бандҳои дигари қарорҳои протоколии ҷаласаи 12-уми Шӯро низ корҳои муайян анҷом дода шудаанд ва маълумоти муфассал оид ба натиҷаҳои мониторинг ба ҷаласаи навбатии Шӯрои машваратӣ пешниҳод карда мешавад.

## ФАЪОЛИЯТИ ГУРУҲИ КОРӢ ОИД БА РУШДИ БОЗОРИ ТАКРОРИИ ҚОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОК ВА БИРЖАИ ФОНДӢ

Тибқи супориши протоколии ҷаласаи 12-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ аз 19-уми декабри соли 2013 таҳти № 1С/12.2-8, банди 7 таҳти раёсати Бонки миллии Тоҷикистон гурӯҳи корӣ иборат аз намояндагони вазорату идораҳои марбута, бахши хусусӣ ва шарикони рушд бо мақсади омӯзиши мушкилот ва пешниҳоди тавсияҳо барои рушди бозори такрории коғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ дар ҷумҳурӣ таъсис дода шуд.

Гуруҳи корӣ то имрӯз 4 ҷаласа гузаронид, ки дар онҳо як қатор масъалаҳо ва монеаҳои боздорандаи рушди бозори такрории коғазҳои қиматнок мавриди баррасӣ қарор гирифтанд, аз ҷумла:

- дар ҷаласаи якум – муҳокимаи нақшаи кории гуруҳи корӣ ва муайян намудани самтҳои афзалиятноки фаъолияти он;
- дар ҷаласаи дуюм – баррасии маълумоти Вазорати адлия ва Вазорати молия оид ба рафъи ихтилофот ва тазодҳои дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба бозори коғазҳои қиматнок, таҳлили сохтори бозори коғазҳои қиматноки Тоҷикистон;
- дар ҷаласаи сеюм – муайян намудани механизмҳо ва мӯҳлатҳои ташкили бозори такрории коғазҳои қиматноки ҷумҳурӣ;
- дар ҷаласаи чорум – таҳияи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ҷиҳати бартараф намудани ихтилофоти қонунгузорӣ вобаста бо фаъолияти бозори такрории коғазҳои қиматнок.

Қайд кардан зарур аст, ки айни замон фаъолияти асосии гуруҳи корӣ бо иштироки шарикони рушд ба муҳокимаи мухолифати қонунгузориҳое, ки фаъолияти бозори такрории коғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондиро танзим менамоянд, равона карда шудааст.

Дар назар аст, ки то ҷаласаи 14-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, ҳисобот ва

тавсияҳои гуруҳи корӣ ҷиҳати рушди бозори такрории коғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ пешниҳод карда шавад.

## ИСЛОҲОТ ОДИ БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР БАХШИ СУҒУРТА

Тавре дар шумораҳои қаблии варақаи иттилоотӣ қайд гардида буд, тибқи банди 4-и Протоколи ҷаласаи XI-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ аз таърихи 30 апрели соли 2013 ба вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, молия якҷо бо вазорату идораҳои марбута супориш дода шуд, ки: бо ҷалби бахши хусусӣ ва шарикони рушд оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта таҳлили зарурӣ гузаронида, натиҷаҳои онро бо тавсияҳои мушаххас ба ҷаласаҳоиояндаи Шӯро пешниҳод намоянд.

Аз ин рӯ, ҷиҳати иҷрои пурраи ин банди Протоколи ҷаласаи XI-уми Шӯро, дар назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки намояндагони вазорату идораҳо, бахши хусусӣ ва бо дастгирии шарикони рушд гурӯҳи корӣ таъсис дода шуд. Гурӯҳи корӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ дар бахши суғурта дар доираи ҷаласаҳои худ таҳлили масъалаҳои бахши суғуртаро дар мамлакат гузаронида, натиҷаҳои онро дар намуди Ҳисобот бо тавсияҳои мушаххас омода намудааст. Дар заминаи Ҳисобот ва тавсияҳои омодашуда лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши суғурта таҳия гардида якҷоя бо ҳисоботи гурӯҳи корӣ дар ҷаласаи 13-уми Шӯро муаррифӣ карда мешаванд.

## ТАҲЛИЛИ МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА РУШДИ СОҲИБКОРӢ

Бо мақсади муайян намудани монеаҳои рушди соҳибкорӣ ва беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ, Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ вобаста ба як қатор мавзӯъҳои муҳим таҳлилҳои пешакӣ доир намуда, натиҷаҳои он ба Котиби масъули Шӯро пешниҳод гардиданд.

Мавзӯъҳои мазкур барои баррасӣ ба ҷаласаҳоиояндаи Шӯро пешниҳод карда мешаванд.

# ТАҲКИМИ ҲАМКОРИҲОИ САМАРАНОК ВА ДУҶОНИБА БО ШАРИКОН

**11 феврали соли соли 2014** дар дафтари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ вохӯрии иҷрокунандаи вазифаи Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратӣ Нӯъмон Абдуҷаборов бо ҳайати Бонки Ҷаҳонӣ Қаҳир Данани - Роҳбари Лоиҳаи баланд бардоштани рақобатпазирии бахши хусусӣ ва Зарина Ахамед- мутахассиси бахши хусусӣ ва молиявӣ баргузор гардид.

Зимни вохӯрӣ иҷрокунандаи вазифаи Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратӣ ба ҳайати Бонки Ҷаҳонӣ оид ба ислоҳоти дар доираи Шӯрои машваратӣ татбиқшаванда маълумоти муфассал дод. Дар вохӯрӣ масъалаи амалигардонии Лоиҳаи баланд бардоштани рақобатпазирии бахши хусусӣ ва баҳодиҳӣ ба раванди татбиқи он дар мамлакат мавриди баррасӣ қарор гирифт. Аз ҷумла диққати махсус ба масъалаҳои бақайдгирии соҳибкорӣ, гирифтани иҷозат барои оғози корҳои сохтмонӣ, бақайдгирии моликият, инчунин мусоидат ба татбиқи лоиҳаи мазкур дар доираи фаъолияти Шӯрои машваратӣ дода шуд.

Зикр гардид, ки Котиботи Шӯрои машваратӣ Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки Ҷаҳониро таҳия намудааст, ки он ба баланд бардоштани рақобатпазирии бахши хусусӣ низ равона карда шудааст. Тибқи супориши протоколии ҷаласаи 12-уми Шӯро аз 19 декабри соли 2013 Нақшаи чорабиниҳои мазкур бо вазорату идораҳои марбута мувофиқа гардида, бо назардошти таклифу пешниҳодоти вазорату идораҳо такмил дода мешавад ва ба баррасии Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод мегардад. Ҳайати Бонки Ҷаҳонӣ омодагии худро ҷиҳати кӯмак ба амалигардонии Нақшаи чорабиниҳои зикргардида изҳор намуданд.

Дар хотимаи вохӯрӣ ҷонибҳо омодагии худро барои идома додани ҳамкории тарафайн ҷиҳати баланд бардоштани рақобатпазирии бахши хусусӣ изҳор намуданд.

**Рӯзҳои 25-28 феврал** мулоқоти и.в. Роҳбари Котиботи Шӯро Нуъмон Абдуҷаборов бо Роҳбари Намояндагии Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ Кристофер Миллер, директори Лоиҳаи «Захираҳои минералӣ барои рушди Осиёи Марказӣ»-и Агентии Олмон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ Берил Осаклӣ ва ҳамоҳангсози Лоиҳаи мазкур дар Тоҷикистон Умида Тулиева баргузор гардиданд.

Дар вохӯрӣ бо Роҳбари Намояндагии Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ масъалаҳои ҳамкориҳои Шӯро ва Котиботи он бо ташкилоти мазкур, аз ҷумла ислоҳоти муҳими дар ҷумҳурӣ гузаронидашуда ва ба инобат гирифтани он дар ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ ва ба ин васила баланд бардоштани нишондиҳандаҳои Тоҷикистон дар ин ҳисобот мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Ҷонибҳо ба хулоса омаданд, ки то интишори натиҷаҳои омӯзиши навбатии ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ» бо намояндагони Бонки Ҷаҳонӣ роҷеъ ба масъалаҳои мазкур гуфтушунидҳо доир намоянд.

Инчунин дар мулоқот масъалаи тезонидани раванди шомилшавии Тоҷикистон ба Конвенсияи Гаага оид ба бекор намудани легализатсияи ҳуҷҷатҳои расмии хориҷӣ аз соли 1961 баррасӣ шуданд.

Дар вохӯрӣ бо ҳамоҳангсози Лоиҳаи «Захираҳои минералӣ барои рушди Осиёи Марказӣ»-и Агентии Олмон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ масоил ва ҷанбаҳои гуногуни ҳамкориҳо ҷиҳати амалигардонии лоиҳаи мазкур бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи фаъолияти Шӯрои машваратӣ баррасӣ карда шуданд. Аз ҷумла ҷонибҳо ба ташкили муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақавӣ ва дар ин замина ташкили муколамаи миллии давлат бо бахши хусусӣ дар Тоҷикистон вобаста ба истифодаи захираҳои табиӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуданд.

Вохӯрӣ дар фазои ҳамдигарфаҳмӣ сурат гирифта, тарафҳо аз натиҷаҳои он изҳори қаноатмандӣ намуданд ва зарурати ҳамкориҳоро барои оянда қайд карданд.

***Бо эҳтиром,***

***Кормандони Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ***

***Нумон Абдуҷаборов - мушовири калони иқтисодӣ, и.в. Роҳбари Котибот***

***Дилшод Одинаев - мушовири иқтисодӣ***

***Манучеҳра Мадҷонова - мушовири иқтисодӣ***
***Сафарбӣ Файзова - ёвари маъмурӣ***